## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ д.и.и., профессор Раҷабов Р.К ба диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод шудааст.**

Самандарова Зарнигор Умаровна, 21 майи соли 1987 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2005 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2010 онро аз руйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Аз соли 2010 то ба имруз ба ҳайси ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор кор ва фаъолият менамояд.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва баланд бардории самаранокии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд.

Афзудани накш ва аҳаммияти рушди устувори сайёҳии аграрӣ пешбурди таҳқиқотро ҷиҳати арзёбии нақши он дар амали намудани стратегияи рушди миллиро тақозо менамояд. Аз тарафи дигар зарур аст, ки вазнинӣ ва мураккабии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ҳангоми такмили низоми хизматрасониҳо ба инобат гирифта шавад. Дар ин радиф рушди сайёҳии аграрӣ аз коркарди усулҳои назариявию методӣ ва амалии рушди он, заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таърихию фарҳангӣ, ниҳодӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, самаранок ва оқилона истифода бурдани иқтидори сайёҳии аграрӣ шароити мусоидро барои таъмини рушди устувори бисёрҷанбаи деҳот фароҳам оварда, имконияти ташаккули бартариҳои нави рақобатиро муҳайё месозад. Мутаассифона, на ҳама паҳлуҳои рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба тариқи пурра омӯхта шудаанд ва аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи диссертатсияи Самандарова З.У. бе баҳс аст.

Аз арзёбии диссертатсия бармеояд, ки дар он ба тариқи пурра таҳлилу такмили асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти нисбатан нав дар рушди деҳот, аз ҷумла равшан намудани моҳияти мафҳуми «сайёҳии аграрӣ», муайян намудани сохтор ва унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин, асоснок намудани равишҳои методии таҳияи стратегияҳои рушди минтақавӣ анҷом дода шудааст.

Дар диссертатсия коркарди усулҳо ва меъёрҳои арзёбии сатҳи рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва захиравии онҳо амалӣ гардидааст, ки дар қиёс бо усулҳои маъмул имкон медиҳад, шароити махсуси рушди сайёҳии аграрӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳо ба ҳисоб гирифта шуда, равиши методии минтақабандӣ, таснифоти минтақаҳо аз рӯйи сатҳи ҷаззобияти инноватсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ асоснок ва пешниҳод карда шавад. Ҳамзамон, усули асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот, муҳосибаи талабот ба сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо дарназардошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон таҳия ва муайян карда шуданд.

Ҷойи муносибро дар диссертатсия равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон муайян карда шуданд, ишғол менамоянд. Ҳамзамон, таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин, даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии онро дар вилоят, дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асоснокии пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ карда шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия роҳҳои таъмини рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

Аз арзёбии диссертатсия бар меояд, ки самти таҳқиқот ба бандҳои Шиносномаи ихтисоси илмии ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – қтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) мувофиқат менамояд.

Заминаҳои назариявию методии таҳқиқот - ин назарияи заминасози иқтисодӣ, корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ шароити оид ба рушди устувори сайёҳии аграрӣ мебошад. Дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда усули таҳлил ва синтез, таснифот, таҳлили иқтисодӣ, таҳлили оморӣ ва риёзӣ, усули иқтисодию риёзӣ, таҳлилию қиёсӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Дар давоми иҷрои диссертатсия аз тарафи муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи

Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шуданд.

Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар ихтисосҳои равияи иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун кумаки методӣ истифода бурда шуданд.

Самандарова Зарнигор Умаровна бомуваффақият аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар назди ӯ гузошташуда баромад ва таҳқиқотро мустақилона иҷро намуд, ки дорои аҳаммияти муҳими иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Дар маҷмӯ аз тарафи муаллиф Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзӯи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз руйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – қтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ аз руйи ихтисоси дар боло зикршуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ин ихтисос мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори кафедраи фаъолияти
гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.
10.12.25

Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; кӯчаи Деҳотӣ, 1/2
Почтаи электронӣ: drrajab@mail.ru
Тел:+992934444107